# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи кунунии рушди илму техника ва пешрафти технологияҳои муосир таваҷҷуҳи махсус ба такмилу тавсеаи технологияҳои компютерӣ равона шудааст. Ин технологияҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ беш аз пеш нақши муҳим пайдо намуда, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ба таври васеъ истифода мешаванд. Густариши ин раванд бо афзоиши аҳамияти иттилоот вобаста аст, зеро дар замони мо иттилоот ҳамчун манбаи муҳими стратегӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эътироф шудааст.

Дар қатори дигар воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоот маҳз технологияҳои компютерӣ воситаҳои аз ҳама қулай, самаранок ва пешрафта ба ҳисоб мераванд. Истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки ҳаҷми зиёди иттилоот дар муддати кӯтоҳ ва бо хароҷоти кам нигоҳдорӣ, коркард ва ба нуқтаҳои зарурӣ интиқол дода шавад.

Имрӯзҳо дар асоси технологияҳои компютерӣ низоми мукаммали муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, ки предмети асосии он иттилооти рақамӣ мебошад. Ин иттилоот на танҳо дар компютерҳои алоҳида, балки дар шабакаҳои васеи компютерӣ, аз ҷумла интернет, нигаҳдорӣ, коркард ва паҳн мегардад. Муносибатҳои мазкур масъалаҳои гуногунро, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ, муҳофизати иттилооти шахсӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ ва масъалаҳои ахлоқиву фарҳангии истифодаи технологияҳои рақамиро дар бар мегиранд.

Бо дарназардошти суръати баланди рушд ва аҳамияти технологияи иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир, зарур аст, ки доираи омӯзиши он боз ҳам васеъ карда шуда, заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии истифодаи технологияҳои компютерӣ

низ мутобиқ ба талаботи замон такмил дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки истифодаи технологияҳо ба нафъи рушд ва пешрафти ҷомеа равона гардад.

Дар робита ба рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи истифодаи онҳо дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бештар мегардад. Ҷиноятҳои мазкур на танҳо ба амнияти иттилоотӣ, балки ба арзишҳои бунёдии давлат ва ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва суботи иҷтимоиву сиёсӣ таҳдид мекунанд.

Айни ҳол, гарчанде ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида (боби 27) оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст, аммо доираи криминализатсия шудани чунин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бо назардошти суръати пешрафти технологӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҷиноятҳои иттилоотӣ кофӣ нестанд. Таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ нишон медиҳад, ки ҳар сол шумораи ҷиноятҳои вобаста ба сӯиистифода аз технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти ҳифзшаванда, ҳамлаҳои киберӣ ба сохторҳои муҳими давлатӣ ва молиявӣ, паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва ғайра зиёд мегардад.

Бо дарназардошти хусусияти фаромарзии чунин ҷиноятҳо ва паҳншавии онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои дигар хеле муҳим мебошад. Ин тадбирҳо бояд ҷорӣ намудани меъёрҳои нав, ташкили низоми самараноки пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ, инчунин ба таври возеҳ муайян кардани мафҳумҳо ва меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дар бар гиранд.

Ҳамчунин, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятӣ аз он вобаста аст, ки имрӯз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ, террористӣ ва ифротӣ низ ба назар мерасад, ки ин таҳдидҳоро боз ҳам афзоиш медиҳад. Дар чунин шароит, қонунгузории ҷиноятӣ бояд қодир бошад, ки бо ин падидаҳо самаранок мубориза бурда, амнияти иттилоотиро ҳамчун ҷузъи муҳими амнияти миллӣ таъмин созад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи таҳқиқоти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад ва таҳқиқи илмии масъалаҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ мубрамияти худро пурра исбот менамояд. Ин таҳқиқот барои рушд ва таҳкими заминаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳим хоҳад гузошт ва дар оянда метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани қонунгузории ҷиноятӣ хизмат кунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат

аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, инчунин таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиши муфассал ва системавӣ қарор дода шудаанд.

Таҳқиқоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки аз ҷумла чунин нуктаҳои муҳимро ба ҳимоя пешкаш намояд:

1. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо таъмини ҳифзи иттилооти дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо алоқаманданд, бояд ҳамчун объекти бевоситаи ҷиноятҳо зидди амнияти иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Дар баробари ин, хавфи чунин ҷиноятҳо танҳо бо зарар расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятии зикршуда маҳдуд намегардад; дар доираи таркибҳои алоҳидаи чунин ҷиноятҳо объектҳои иловагӣ метавонанд саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин дигар арзишҳои таҳти ҳимояи қонун қароргирифта бошанд (саҳ.15-16 диссертатсия).

2. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба таркиби ҷинояти мушаххас ба сифати предмети он метавонанд ҳам унсурҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ баромад кунанд. Ба чунин унсурҳо намудҳои гуногуни иттилооти компютерӣ, барномаҳои зараровар, вирусҳои компютерӣ, маълумотҳои рақамӣ ва дигар унсурҳои ба инҳо монанд дохил мешаванд (саҳ.16 диссертатсия).

3. Номгузории Фасли XII ва боби 28-и КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ тағйир дода шуда, он ба таври зерин таҳрир карда шавад «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ компютерӣ», зеро мазмуни мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз доираи таркибҳои ҷинояти дар боби 28-и КҶ ҶТ пешбинигардида васеъ мебошад.

4. Ба м. 298 КҶ ҶТ ҷиҳати дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дуруст бандубаст намудани моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ илова намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ дар таҳрири зерин асоснок мегардад: «зери мафҳуми иттилооти компютерӣ ин ҳама гуна маълумоте мебошад, ки дар шакли рақамӣ ё дигар шаклҳои электронӣ пешниҳод шуда, барои нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ё истифодаи автоматикӣ бо истифода аз системаҳои ҳисоббарор, воситаҳои барномасозӣ ва технологияҳои шабакавӣ пешбинӣ шудааст»

5. Дар қ. 1 м. 300 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ» бояд ба ибораи «вайрон кардани системаи компютерӣ ё шабака» иваз карда шавад.

6. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 298 КҶ ҶТ-ро бо эзоҳ дар таҳрири зерин пурра карда

шавад. «Дар боби мазкур зарари ҷиддӣ андозаи зарари расонидашудае мебошад, ки аз рӯйи вазъи моддии ҷабрдида муайян гардида, аз 200 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар буда наметавонад» (саҳ.17 диссертатсия).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот ироа шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ асос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлили васеъ қарор додааст.

Муаллиф тавассути омӯзиши адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ тавонистааст мафҳумҳо ва истилоҳоти калидии ҳуқуқиро, ки дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, ба таври равшан ва дақиқ таҳлил намуда, таърифҳои нав ва ба талаботи замон мувофиқро пешниҳод намояд.

Гузаронидани таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифода аз таҷрибаи мусбати кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ судманд бошад.

Дар таҳқиқот тавсияҳои мушаххас дар мавриди муайян кардани объекти бевосита, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективӣ, инчунин хусусиятҳои субъекти ҷиноятҳои мазкур пешниҳод шудаанд, ки татбиқи онҳоро дар амал осон мегардонанд ва ба фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва судӣ барои таъмини қонуният ва адолати мурофиавӣ кӯмак мерасонанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлил ва омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи воқеии тафтишотӣ-судӣ ба даст омадаанд ва барои таҳкими амнияти иттилоотӣ ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати назаррас хоҳанд кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб,

хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва низоми онҳо» пешниҳод гардидааст. Ин қисмати таҳқиқот аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои асосии зеринро мавриди омӯзиши васеъ ва амиқ қарор медиҳад: муайян кардани мазмун ва моҳияти мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, таснифоти илмии чунин ҷиноятҳо ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ.

Дар ин самт муаллиф ба таври дақиқ ва муфассал хусусиятҳои хоси ин намуд ҷиноятҳоро баррасӣ намуда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишварҳои гуногун, муносибатҳои умумӣ ва фарқиятҳои хоси мубориза бо ҷиноятҳои зидди амнияти иттилоотиро муайян менамояд. Ин таҳлили муқоисавӣ имкон додааст, ки таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар ин соҳа ошкор гардида, барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи тадбирҳои самаранок ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо чунин ҷиноятҳо заминаи мустаҳками илмӣ фароҳам оварда шавад.

Зикр мегардад, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ ба гурӯҳи алоҳида ҷудо карда шудаанд, ки ин ҳолат дар фасли XII ва боби 28 КҶҚ ҶТ мустаҳкам гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар муҳити илмӣ то имрӯз баҳсҳо дар мавриди истифодаи дурусти истилоҳот барои ифодаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо идома доранд (саҳ.33).

Мутахассисон истилоҳоти гуногунро истифода менамоянд, аз ҷумла: ҷиноятҳо дар фазои киберӣ, ҷиноятҳои компютерӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ ва ҷиноятҳои марбут ба шабакаҳои телекоммуникатсионӣ. Гуногунфаҳмии истилоҳот аз хусусияти бисёрҷанбаи масъала шаҳодат дода, зарурати идомаи таҳқиқоти назариявӣ ва якхела намудани истилоҳотро дар санадҳои қонунгузорӣ таъкид менамояд. Истифодаи истилоҳоти гуногун ҳангоми номгузории чунин кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок мушкилоти муайянеро дар самти фарқгузорӣ ва маҳдуд кардани доираи онҳо ба вуҷуд меорад (саҳ.39-42).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум муаллиф ба масъалаҳои таснифи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ диққати махсус додааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таснифоти кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок дорои аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ мебошад, зеро шарти муҳимми фаъолияти қонунгузорӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ низ низомнокии меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тафсири дурусти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва бамаврид муайян намудани таркиби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 298–304 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, нақши муҳим мебозад (саҳ.44). Таснифоте, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба ҷиноятҳои компютерӣ пешниҳод шудаанд, ба пуррагӣ асоснок нестанд, зеро дар онҳо меъёрҳои аниқу возеҳ барои гурӯҳбандии ин ҷиноятҳо зикр нашудаанд. Чунин таснифот танҳо ба имконияти содир намудани кирдорҳои муайян бо истифода аз технологияҳои компютерӣ асос ёфта, омилҳои дигари муҳимро ба инобат намегиранд.

Зербоби сеюми боби якум ба таҳлили муқоисвӣ- ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф баён медорад, ки қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ барои номгузорӣ намудани гурӯҳи ҷиноятҳои дорои ҳамон як хусусият номгузориҳои гуногунро истифода намудааст. Дар доираи ин боб муаллиф, пеш аз ҳама қонунгузориҳои давлатҳои пасошӯравӣ, аз қабили Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Туркманистон , Федератсияи Россия ва Украинаро дар ин самт мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар асоси таҳлили қонунгузориҳои давлатҳои мазкур муаллиф дар КҶ ҶТ пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як қатор кирдорҳо, аз ҷумла паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ; ғайриқонунӣ тағйир додани рамзҳо ва маълумотҳои идентификатсиониро асоснок мешуморад (саҳ.79-80 диссертатсия). Дар боби мазкур, инчунин таҷрибаи қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ, ба монандӣ ИМА, Олмон, Испания, Ҳолланд, Фаронса ва ғайра низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Боби дуюми** таҳқиқоти мазкур таҳти унвони «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» масъалаҳои муҳими марбут ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятии кирдорҳоеро баррасӣ мекунад, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид менамоянд. Муаллиф дар доираи ин боб ба таври муфассал ва системавӣ ба таҳқиқ ва таҳлили аломатҳои объективии ҷиноятҳои мазкур пардохтааст.

Дар зербоби аввал, таҳти унвони «Объект ва предмети ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ», масъалаҳои назариявию амалии муайян кардани объекти таъсири ҷиноятӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки объекти ин

гурӯҳи ҷиноятҳо пеш аз ҳама муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мебошанд, ки барои ҳифзи иттилооти ҳаёти хусусӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ ва ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Ин муносибатҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ чандон равшан ва аниқ муайян нашудаанд, ки боиси душвориҳои татбиқӣ мегарданд. Дар ин робита муаллиф зарурати дақиқтар муайян намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ ва тарзҳои ҳимояи онро таъкид намуда, пешниҳод менамояд, ки амнияти иттилооти компютерӣ ҳамчун объекти мустақили намудии ин ҷиноятҳо баррасӣ шавад (саҳ 86).

Ҳамчунин, муаллиф ба таҳлили аломатҳои предмети ҷиноятҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Дар ин замина, қайд мегардад, ки на ҳама иттилооти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ҳатман дар шакли ҳуҷҷатӣ сабт мешаванд. Аз ин рӯ, иттилооти ғайриҳуҷҷатӣ низ бояд ҳамчун предмети ҷиноятҳои зидди амнияти иттилоотӣ шинохта шуда, таҳти ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор дода шаванд (саҳ 101).

Зербахши дуюми ин боб «Аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо бар муқобили амнияти иттилоотӣ» ном дошта, дар он муаллиф ҷанбаҳои асосии тарафи объективии ҷиноятҳои мазкурро таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба кардааст. Дар ин раванд хусусиятҳои асосии кирдори ҷиноятӣ, усулҳои содиршавӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятҳо ба таври муфассал таҳлил шудаанд.

Дар рафти таҳлил ба масъалаи муайян кардани мафҳуми «ғайриқонунӣ будан»-и дастрасӣ ва дахолат ба иттилооти компютерӣ диққати махсус дода шудааст. Бо назардошти тахлили диспозитсияи м. 298 КҶ ҶТ чунин мафҳуми ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотро пешниҳод шудааст, ки даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бояд ҳама гуна дохилшавии ғайриқонунӣ ба захираҳои итилоотии дар компютерӣ мавҷудбуда, сарфи назар аз ҳомили мошинии он фаҳмида шавад. Дар баробари ин, «ғайриқонунӣ» будани дастрасӣ ба иттилооти ҳифзшавандаи компютерӣ метавонад ҳам дар маънии бевоситаи қонунгузор ё дар мавҷуд набудани розигии соҳиби (соҳиби қонунии) иттилооти компютерӣ зоҳир гардад (саҳ.106).

Ҳамчунин, дар ин зербоб механизм ва хусусиятҳои содиршавии ҷиноятҳои муайяншуда дар моддаҳои 298-304-и КҶ ҶТ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Ба таври мушаххас муаллиф тавсия медиҳад, ки баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, аз ҷумла моддаи 299, бо илова намудани эзоҳи махсус оид ба муайян кардани «зарари ҷиддӣ» такмил дода шаванд, ки ин барои пешгирии тафсири гуногун ва нофаҳмиҳо ҳангоми татбиқи ин меъёр мусоидат мекунад (саҳ.114).

Муаллиф инчунин ба таҳлили оқибатҳои вазнини пешбинишуда дар таркибҳои ҷиноятҳои зикршуда таваҷҷуҳ карда, ба зарурати муқаррар намудани

робитаи сабабӣ байни кирдорҳои содиршуда ва зарари расонидашуда таъкид мекунад.

Дар умум, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар ин боб ба таври мукаммал масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба аломатҳои объективии ҷиноятҳои зидди амнияти иттилоотиро боз мекунанд. Ин натиҷаҳо барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва таъмини самаранокии мубориза бо ин навъи ҷиноятҳо аҳамияти назаррас доранд. Таҳқиқоти мазкур барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта, дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

**Боби сеюми** диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба аломатҳои субъективии ҷиноятҳоро, ки дар боби 28 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, таҳлил менамояд.

Дар зербоби якуми ин боб бо номи «Хусусиятҳои аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» муаллиф ба таври дақиқ ва методологӣ масъалаҳои марбут ба субъект ва тарафи субъективии ҷиноятҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд месозад, ки дар таркибҳои асосии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро дар қисматҳои аввали ин моддаҳо пешбинӣ менамоянд, дар онҳо субъекти ҷиноят бо ягон аломати иловагии ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсиф карда намешавад, яъне умумӣ мебошад. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояте, ки дар м. 304 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, танҳо субъекти махсус мебошад, яъне шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, дар бораи қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ иттилоот дорад (саҳ.143).

Дар доираи боби мазкур, инчунин хусусиятҳои тарафи субъективии таркиби алоҳидаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони «Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таркибҳои бандубастшаванда дар сохтори моддаҳои 298-304-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳои мазкурро таҳқиқ менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки «таркиби вазнинкунандаи ҷиноят ин як намуди таркиби асосии ҷиноят ба ҳисоб меравад, аммо он дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти дар таркиби асосӣ муқарраршударо баланд мебардорад» (саҳ.159). Дар боби мазкур чунин аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ба монандӣ, такрори ҷиноят, расонидани зарари ҷиддӣ, фаро расидани оқибатҳои вазнин, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи

муташаккил содир шудани ҷиноят ба таври дахлдор таҳлил шуда, зиёд шудани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои алоҳида, ки бо чунин аломатҳо тавсиф мегарданд асоснок карда шудааст.

Муаллиф дар натиҷаи баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноятҳо, аз ҷумла пешниҳод месозад, ки «бо мақсади тафриқабанди намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок ба ҳисоб меравфт агар бо мақсади ғаразнок содир шудани ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунанда дар м.м. 298, 299, 302, 303 КҶ ҶТ низ муқаррар карда шавад» (саҳ.168).

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар боби сеюм аз назари илмӣ ва амалӣ муҳим буда, тавсияҳои муаллиф ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва мушаххас намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аз аҳамияти назаррас бархӯрдоранд. Пешниҳодҳои ироашуда ба ташаккули низоми самараноки қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа ва таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузоранд.

Хулосаи диссертатсияи мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои марбут ба ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли 11 банди дорои аҳамияти назариявӣ ва 6 банди ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Аз ҷумла, аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар равшан сохтани моҳияти мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқии марбут ба амнияти иттилоотӣ ва мушаххас намудани аломатҳои объективию субъективии ҷиноятҳои дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда зоҳир мегардад. Ин таҳқиқот аввалин кори илмии мукаммалест, ки масъалаҳои ҷиноятҳои зидди амнияти иттилоотиро дар сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ менамояд. Бо истифода аз равишҳои муқоисавию таҳлилӣ муаллиф тавонистааст, ки камбудиҳои ҷойдошта ва нуқтаҳои баҳсталабро дар низоми танзими ҳуқуқии ин соҳа ошкор созад.

Аз тарафи дигар, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо тавсияҳои мушаххасе ҳамроҳ шудаанд, ки ба такмили моддаҳои 298-304-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Муаллиф тавсия медиҳад, ки моддаҳои мазкур бо иловаҳои муҳим, аз ҷумла бо муайян намудани мафҳумҳои калидӣ («ғайриқонунӣ будани дастрасӣ», «зарари ҷиддӣ» ва ғ.) ва бартараф намудани такрори зиёдатии меъёрҳои ҳуқуқӣ такмил дода шаванд. Ин пешниҳодҳо метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, дуруст татбиқ

шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз равиши комплексӣ масъалаҳои ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотиро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои марбут ба мавзӯи мазкур заминаи боэътимоди назариявию методологӣ фароҳам меоранд.

Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқие, ки ба ҷиноятҳои зидди амнияти иттилоотӣ алоқаманданд, равшан ва дақиқ карда шаванд. Ин таҳлилҳо ба пайдоиши тасаввуроти нав дар бораи маҷмуи василаҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда замина мегузоранд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи тавсияҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ба коҳиши хароҷот ва зарарҳои молиявие мусоидат мекунад, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноятҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд. Ин тадбирҳо имконияти ҳифзи муассисаҳои иқтисодиву тиҷоратиро дар муҳити рақамӣ беҳтар намуда, барои рушди иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар баланд бардоштани сатҳи амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар фазои иттилоотӣ зоҳир мегардад. Бо истифода аз хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия, заминаи ҳуқуқии мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои иттилоотӣ такмил ёфта, ба афзоиши эътимоди шаҳрвандон ва ҷомеа ба технологияҳои иттилоотӣ ва муоширатҳои рақамӣ мусоидат менамояд. Ин раванд дар маҷмӯъ ба рушди устувори иҷтимоии ҷомеа ва таҳкими суботи иҷтимоию сиёсӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ин таҳқиқот дорои аҳамияти назарраси назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 102 диссертатсия менависад, ки «Зери мафҳуми компютер дар моддаҳои боби 28 КҶ ҶТ дилхоҳ дастгоҳи техникӣ фаҳмида мешавад, ки барои нигоҳ доштан, коркард ва интиқоли иттилооти компютерӣ (компютерҳои шахсӣ, планшетҳо, китобҳои электронӣ, телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, дастгоҳҳои назоратӣ- хазинавӣ ва ғайра таъин шудааст». Оё чунин тафсир додани мафҳуми компютер боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои инсон намегардад.

2. Ҳангоми таҳлили масъалаҳои субъекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла пешниҳод оид ба паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, муаллиф метавонист ба далелҳои бештар ва қонунгузориҳои кишварҳои гуногун такя намуда, тавсияи худро дақиқтар асоснок менамуд.

3. Дар кори мазкур ба масъалаи ҷиноятҳои иттилоотӣ аз нигоҳи таҷрибаи судию тафтишотии Тоҷикистон чандон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир нашудааст. Муаллиф метавонист бо истифода аз омори расмӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳолатҳои ҷиноятҳои иттилоотиро амиқтар таҳлил намояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

профессори кафедраи пешгирии
ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини
бехатарии ҷамъиятии факултети №6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 64.
Тел.: (+992) 93 113 85 23 E-mail: h.safarov@mail.ru

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Камолӣ З.Б.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД, 734012 ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов, 3, Тел. корӣ: (+992 237) 226-60-42. E-mail: k.lila-73@mail.ru E-mail: tam300986@mail.ru http://www.avkd.tj

«09» июни 2025 сол